Тақризи

ба автореферати диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон масъалаи тайёр кардани кадрҳои иқтисодӣ ҳисобид. Агар рушду ташаккули донишҳои заминавию тахассусии шогирдони имрӯза (иқтисодчиёни оянда), рушди нутқи муоширатии хориҷии онҳо, васеъ намудани доираи ҷаҳонбӣ ва бедорсозии тафаккури донишҷӯёнро як тарафи масъала гӯем, аз ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва лингвистии шогирдон, тарбияи ахлоқию фарҳангӣ, этикаи нутқу муошırати онҳоро метавон тарафи дигари масъала шуморид. Барои дуруст ба роҳ мондани ин ҷараён аввалан мебояд мушкилоти масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дод. Боло бурдани салоҳиятмандии касбии иқтисодчиёни оянда бо донистани забонҳои хориҷӣ мушкилоти чашмраси соҳа ба шумор рафта, ҳалли онро метавон дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ба даст овард.

Мавзуи диссертатсияи илмӣ-тадқиқотии Шамсова Бибихосият Қудратовна бевосита ба омӯзишу таҳқиқ ва рафъи мушкилоти дар боло зикргашта равона гаштааст. Пайгирӣ намудани масъалаи мазкур ба диссертант имконият додааст, ки масъаларо ба таври назариявӣ омӯзад, роҳу усулҳои муосири таълимро пайдо намояд ва омӯзиши эксперименталиро ба роҳ монад. Дар асоси натиҷаи тадқиқот хулоса ва пешниҳодоти худро манзур намудааст. Саҳми диссертант, Шамсова Бибихосият Қудратовнаро дар таҳқиқу муайян намудани ин мушкилот, яъне аз лиҳози ташаккул додани салоҳиятмандии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

баҳои баланд дод. Таҳқиқи амиқу дақиқи Ш.Б. Қудратовна дар муайян намудани роҳҳои муассири ташаккули салоҳиятмандии касбии иқтисодчиёни оянда сарчашмаи илмӣ шуда метавонад. Аз сабаби оне, ки илм ҳамеша дар рушду пешрафт мебошад, таҳқиқи мазкурро наметавон охири кори илмӣ-таҳқиқотӣ шуморид. Унвонҷуёну докторантони минбаъда метавонад диссертатсияи мазкурро, ки дар оянда ҳамчун монография рӯи чоп меояд, метавонанд ҳамчун роҳнамои илмӣ васеъ истифода баранд.

Интихоби номи мавзӯи таҳқиқ «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» хеле бомаврид ва саривақти буда, мубрамияти он ба аҳли илму маърифат ва олимони соҳа маълум мебошад. Диссертатсияи илмӣ таҳқиқотии Шамсова Бибихосият Қудратовна аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, аз лиҳози сохтор ва аппарати илмӣ ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯй мебошад. Ҳангоми пешбурди тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсияҳо беш аз 170 адабиёти илмию таълимӣ ва дигар сарчашмаҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муқаддимаи кор тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту фарзия, навгонӣ ва дигар маълумотҳо оварда шудаанд. Қисмати мазкури кор мазмунан ва мантиқат шахсро ба кор ба таври мушаххас ворид месозад.

Дар боби аввал, ки «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ» ном гигирифтааст, диссертант ба ақидаи олимони ватанию хориҷии соҳа, методистон ва нафароне, ки фаъолияти касбиашон бевосита ба таҳқиқу таълими забонҳои хориҷӣ, омода кардани иқтисодчиёни оянда равона шудааст, такя намудааст. Шамсова Бибихосият Қудратовна кӯшиш кардааст, ки мавқеи ҳар як олими соҳаро нисбат ба масъалаи мавриди таҳқиқ нишон дода, дар баробари ин, ақидаҳои худро низ ифшо созад. Масалан, мавсуф ақидаи Е.С. Полатро пеш овардааст, ки ӯ гуфтааст: «Пеш аз

интихоби матнҳои мухталиф аз рӯйи ихтисос, бо назардошти тамоюли коммуникативии онҳо интихоб ва фаъолсозии сохторҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ки заминаи пешакии омӯзиши малакаҳои нутқро фароҳам меорад».

Масъалаи пойдоиш ва рушди илми истилоҳшиносӣ, шарҳу тавзеҳи истилоҳоти соҳаҳои гуногун, бахусус, соҳаи иқтисод, таснифоти амиқи истилоҳоти иқтисодӣ, муайян намудани мавқеи истилоҳоти касбӣ дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ назарияи илман асоснокро барои таҳқиқи минбаъда замина гузошт.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ-тадқиқотӣ «Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ» қисмати амалии он ба шумор рафта, аввалан интихоби роҳу усулҳои таълим, воситаҳои таълим, истифодаи онҳо, баъдан натиҷагирӣ аз омӯзиши экспериментали ва хулосаи ниҳоии муҳаққиқ рӯи кор оварда шудааст. Дар ин қисмат ба назарияи таҳқиқ такя намуда, Б.Қ. Шамсова корҳои илмӣ-амалӣ гузаронидааст. Натиҷаи назарсанҷию гузаронидани тестҳо, пурсишномаҳо ва дарсҳои экспериментали ҷамъоварӣ гашта, дар зербоби 2.4. инъикос ёфтааст.

Хулосаи ниҳоии диссертатсия ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор Б.Қ. Шамсова вобаста ба ҷамъбасти тадқиқот, муайян намудани мушкилот, роҳҳои рафъи он маълумот дода, пешниҳодоти худро манзур намудааст.

Баъзе хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ ҳам дар ҳама қисмати назариявии кор ва ҳам дар қисмати амалии кор дида мешаванд, аммо онҳоислоҳшаванда мебошанд. Бовуҷуди ин хатогиҳо, диссертатсияи илмӣ-таҳқиқотии мазкурро метавон кори ба анҷомрасида ҳисобид.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда,

ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллоева П.М.

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 126; Тел: 917 21 45 49;
E-mail: shohin_7875@mail.ru

Имзои Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.